**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2019

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 июни соли 2019 дар маҷмуъ 78 ташкилоти қарзӣ, 19 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 33 ташкилоти ломбардӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2019 дар маҷмуъ ба 23 607,1 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба аввали сол ба маблағи 308,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Зиёд шудани дороиҳои бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ, ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуд. Нишондиҳандаи дороиҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 32,6 фоиз баробар гардид.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.06.2019 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | адад | дороиҳо (млн. сомонӣ) | (% аз ҷамъ) | Афзоиши дороиҳо нисб. авв. сол (%) |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **78** | **21 441,7** | ***90,8*** | **1,1** |
| ***Бонкҳо*** | ***17*** | ***18 043,9*** | ***76,4*** | ***-0,1*** |
| *Бонки давлатӣ** | *3* | *9 458,1* | *40,1* | *-1,4* |
| *Бонки исломӣ* | | | | |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *2 058,7* | *8,7* | *-4,1* |
| *Бонкҳои дигар* | *8* | *6 527,1* | *27,6* | *3,1* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***61*** | ***3 397,7*** | ***14,4*** | ***8,5*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *24* | *2 834,7* | *12,0* | *6,8* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *6* | *224,9* | *1,0* | *19,2* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *31* | *338,1* | *1,4* | *17,6* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***327*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **404,6** | **1,7** | **8,8** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **6** | **211,2** | **0,9** | **14,5** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **33** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **237,8** | **1,0** | **3,8** |
| **АСИН**** | **1** | **1 311,8** | **5,6** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***140*** | ***23 607,1*** | | ***1,3*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | | ***32,6*** | | |

*Бо иштироки сармояи давлатӣ

**Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумот ба ҳолати 31.12.2018)

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 90,8 фоиз ба низоми бонкӣ рост омада, танҳо 9,2 фоизи онро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз), Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,0 фоиз) ва АСИН (5,6 фоиз) ташкил медиҳанд.

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ тақсим шуда, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) дар бар мегирад. Дар нимсолаи аввали соли 2019 дороиҳои низоми бонкӣ ба 21 441,7 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба аввали сол ба андозаи 1,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 327 филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ ва 1 431 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат расониданд. Илова бар ин, дар ин давра шумораи суратҳисобҳои бонкии барои муштариён кушодашуда, 3 683 ҳазор ададро ташкил намуд, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли қаблӣ 13,7 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 8,8 фоиз афзуда, ба 404,6 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ бо 78 филиалҳояшон хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 237,8 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали сол ба андозаи 3,8 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба аввали сол ба андозаи 14,5 фоиз афзоиш ёфта, ба 211,2 млн. сомонӣ баробар гардид.

Ҳангоми мушаххас гардидан, маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН низ илова карда мешавад.